**Тақризи мушовири илмӣ**

**ба диссертатсияи Қодирзода Фарҳод Анвар дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ**

Рисолаи диссертатсионии Қодирзода Ф.А. дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тадқиқоти мустақилона анҷомёфтаи илмии докторант мебошад. Мақсади таҳқиқоти кори диссертатсионии муаллиф аз муайян намудани омилҳои институтсионалии беруна ва дохилии таъмини сармоягузории хориҷӣ ва амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити равандҳои ҷаҳонишавии муосир дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки амнияти сармоягузорӣ ҳамчун звенои муҳими амалӣ намудани маҷмӯи тамоми чорабиниҳо оид ба таъмини амнияти иқтисодии давлат тавсиф меёбад. Дар раванди сармоягузорӣ кишварҳои донори сармоягузориҳо манфиатҳои шахсии худро пайгирӣ карда, соҳиб шудан ба захираҳои табиӣ, сармояи инсонӣ ва гирифтани фоидаи зиёд маблағгузорӣ мекунанд, ки ин ҳолат дар аксар вақт ба зарари манфиатҳои иқтисодии мамлакати сармояворидкунанда оварда мерасонад.

Диссертант дар рафти таҳқиқоти илмӣ дар назди худ ҳалли масъалаҳои зерин ба миён гузоштааст:

- ҳамчун омили муайянкунандаи хусусият ва шаклҳои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ асоснок намудани рақобати байнидавлатии байни кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар бозори ҷаҳонии ҳаракати сармояҳо;
- дар асоси таҳқиқоти муаллифони гуногун пешниҳоди таснифоти хавфҳои сармоягузории глобалӣ дар шароити глобализатсияи робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ:
- омӯзиши тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми пайваст шудан ба низоми робитаҳои сармоягузории

хоҷагии ҷаҳонӣ ва ҳамзамон, таҳияи механизми институтсионалии ҳифзи сармоягузорони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асосноккунии унсурҳои алоҳидаи он.

Диссертант дар назди худ вазифаи асосиро дар муайян намудани омилҳои институтсионалии беруна ва дохилии ба вуҷудоварандаи таҳдид барои таъмини амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити кунунии равандҳои ҷаҳонишавӣ дидааст.

Бартарии кори диссертатсионӣ дар он аст, ки бо вуҷуди ҷой доштани таваҷҷӯҳи бисёре аз олимон ба ин масъала дар адабиёти илмӣ, ба проблемаи амнияти сармоягузорӣ аз нуқтаи назари ҳамкориҳои байналмилалии кишварҳо эътибори зарурӣ дода нашудааст. Дар шароити гузариш тадқиқоти мақсаднок ва амиқи тамоюлҳои муосир, дурнамои ташаккулёбӣ ва рушди омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ талаб карда мешавад.

Баррасии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари қабулкунандаи сармоя диссертантро водор намуд, ки асосҳои методологӣ ва методии таҳқиқотро, принсипҳо ва консепсияҳои илмии таҳлили амнияти сармоягузории иқтисодиёти миллиро дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳони муосир дар раванди сармоягузории хориҷӣ пурра зери таҳлили илмӣ қарор диҳад.

Дар баробари ин, муаллиф дар таҳқиқот масъалаҳои асоснок намудани рақобати байнидавлатӣ дар бозори ҷаҳонии ҳаракати сармояҳоро, махсусан, байни давлатҳои рӯ ба тараққӣ хусусият ва шаклҳои ҷалби сармояи хориҷиро дар мамлакатхои Осиё таҳлил намуда, пешниҳод менамояд, ки мубориза рақобатӣ пеш аз ҳама дар соҳаи тағйирёбии ниҳодҳо барои беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ дар ин кишварҳо зоҳир мешавад ва зиёдтар аз вазъи геосиёсии ҷаҳон ва минтақаи Осиё вобаста аст.

Дар натиҷа диссертант ба хулоса меояд, ки механизми ташкилию иқтисодии ҳимояи сармоягузорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҷорӣ намуд, ки он усулҳои идоракунии иқтисодӣ, шаклҳои ташкилии мусоидат

ба сармоягузорон, рушди инфрасохтори сармоягузориро дар шакли МОИ ва чораҳоро оид ба ҳифзи сармоягузорон дар бар гирад.

Бояд қайд кард, ки аз ҷониби муаллиф нуктаҳои асосии рисолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Рисоли диссертатсионии Қодирзода Фарҳод Анвар дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти мустақилонаи илмӣ ба ҳисоб рафта, дар сатҳи баланди илмӣ, методологӣ ва назариявӣ ба анҷом расонида шудааст. Дар раванди иҷрои кори илмӣ-тадқиқотӣ диссертант сатҳи баланди касбияти худро дар самти тадқиқоти масъалаҳои омӯзиши омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додааст. Дуруст ва эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола баёнгардида, аз арзиши баланди амалӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Қодирзода Фарҳод Анвар дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии мувофиқ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ пешниҳод мегардад.

**Мушовири илмӣ:**
аъзои вобастаи Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Саидмуродзода Л.Ҳ.

Имзои Саидмуродзода Л.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам
Инспектори калони ШК Э. Қурбонов

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ